ТАҚРИЗИ

рохбари илмӣ ба диссертатсияи унвонҷӯ Асоева Бунафша Ҷумъаевна дар мавзуйи «Вижагиҳои луғавию сарфии асари «Зафарномаи хусравӣ»», ки барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10. 02. 01. – Забони тоҷикӣ

Асоева Бунафша Ҷумъаевна унвонҷӯйи кафедраи таърихи забон ва типологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон буда, аз соли 2012 ба таҳқиқу баррасии вижагиҳои луғавию сарфии асари таърихии «Зафарномаи хусравӣ» машғул аст.

Асоева Бунафша Ҷумъаевна дар тули фаъолияти унвонҷӯйи худ доир ба кори диссертатсионияш маводи заруриро гирдоварӣ намуда, таснифот гузаронида, дар асоси нақшаи тахиянамуда онҳоро таҳлилу баррасӣ кардааст. Ҳамчунин, доир ба мавзуи кори диссертатсионӣ асарҳои зиёди илмии забоншиносони тоҷик ва забоншиносони хориҷиро хонда, аз назарияҳои лингвистии муҳаққиқони зиёде баҳрабардорӣ кардааст. Натиҷаи кори таҳқиқотии Асоева Бунафша Ҷумъаевна дар мақолаҳои чопнамуда ва маърузаҳояш дар конференсияҳои сатҳҳои гуногун инъикос ёфтааст.

Омӯзишу таҳлил ва таҳқиқи вижагиҳои луғавӣ ва сарфии асари «Зафарномаи хусравӣ» дар пояи баррасии унсурҳои луғавӣ, сохтори калимаҳои дар асар корбастшуда ва мансубияти забонии онҳо сурат гирифта, ин максад бо иҷрои вазифаҳои гуногун робитаи зич дорад. Баррасӣ ва муайян кардани ҷанбаҳои гуногуни маъной ва сохтории вожаҳои таркиби луғавии асари мавриди барраси қароргирифта ҳадаф ва вазифаи асосии таҳқиқи Б. Ҷ. Асоева Бунафша Ҷумъаевнаро ташкил дода, тамоми маводи гирдовардашуда дар се боб мавриди таҳлилу баррасӣ карор гирифтааст.

Дар раванди таҳқиқ ва таҳлилу баррасии маводи назариявию амалии кори диссертатсионӣ муаллиф худро ба хайси муҳаққиқи боистеъдод, боандеша, тозакор, эҳтиром гузоштан ба арзишҳои илмию таҳқиқотии муҳаққиқони забоншинос, хосатан луғатшинос ва ба ҳайси пажӯҳишгари боистеъдод муаррифӣ кардааст. Унвонҷӯ Асоева Б. Ҷ. дар муайян кардани максаду вазифа, ба таври жарф дарк кардан, фаҳмидани натиҷаҳои ба даст омада ва муайян кардани методҳои зарурии таҳқиқот маҳорати баланди илмӣ нишон додааст.

Муҳаққиқ дар истифодаи методҳои гуногуни таҳқиқотӣ ва таҳлили маводи луғавию сарфии асари мавриди баррасӣ қароргирифта истеъдоди хуби пажӯҳишгарии худро зоҳир кардааст.

Хулосаи кори диссертатсионии мазкур натиҷаҳои кори таҳқиқотии муаллифро дар бар гирифтааст.

Мақолаҳои нашрнамудаи муҳаққиқ фароғири мазмуни асосии диссертатсия буда, дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд.

Автореферати диссертатсия (ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) мазмун ва мухтавои асосии ин таҳқиқотро инъикос менамояд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Асоева Бунафша Ҷумъаевна дар мавзуйи **«Вижагиҳои луғавию сарфии асари «Зафарноманаи хусравӣ»»**-ро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ барои ҳимоя тавсия менамоям.

Рохбари илмӣ,
доктори илмҳои филология,
профессори кафедраи таърихи
забон ва типологияи ДМТ **Ҳомидов Дилмурод Рачабович**

Сурога: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17
Тел.: 907 79 82 65, **e-mail:** homidov65@mail.ru

«Имзои профессори ДМТ Д. Р. Ҳомидовро тасдиқ мекунам»

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДМТ **Тавқиев Э.**

20 06 2022